# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амсилаи рушди устувори иқтисодӣ рушди соҳаи саноат ҳамчун асоси иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2022, № 309 «Дар бораи «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026» як дастури стратегии сиёсати давлатӣ гардид, ки ба саноатикунонии босуръати мамлакат нигаронида шудааст. Татбиқи нуктаҳои санади мазкур ба кор андохтани тамоми захираҳои дохилии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла такмили низомҳои идоракунӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири маркетингро талаб мекунад.

Дар ин замина омӯзиши хусусиятҳои маркетинг дар сатҳи минтақавӣ бо истифода аз мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон – аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Ин ба зарурати ташаккули амсилаи ягонаи маркетинги мутобиқ ба шароити минтақавӣ, ки қодир ба вокуниши муассир ба таҳдидҳои бозори муосир ва мусоидат ба татбиқи стратегияи давлатии индустрикунонӣ мебошад, вобаста аст. Ҳамаи ин гуфтаҳо мубрам будани мавзуи диссертатсияи мазкур ва аҳаммияти онро барои ҷомеаи илмӣ, мақомоти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ тасдиқ мекунад.

Давлаталии Абдусаломзода хатмкардаи зинаи бакалавриати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буда, онро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси 1-25 01 07 – Иқтисодиёт ва идора дар корхона хатм кардааст. Пас аз хатми зинаи бакалавриат соли 2018 ба шуъбаи магистратураи донишгоҳи номбурда дохил шуда, онро соли 2020 бо ихтисоси 1-25 01 07 – Иқтисодиёт ва идора дар корхона хатм кардааст. Аз соли 2020 то соли 2023 дар зинаи докторантураи (PhD) -и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг таҳсил намудааст. Дар давраи таҳсил дар докторантура дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Давлаталии Абдусаломзода аз соли 2019 то соли 2024 ба ҳайси ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг, аз соли 2024 ба ҳайси ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)" аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт аз 160 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 183 саҳифаи матни чопи компютериро ташкил дода, 23 ҷадвал ва 14 расмро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқи дисертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзишии масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия бо номи "Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди маркетинг" заминаҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои иқтисодии таҳаввули мафҳуми маркетинг, ҷанбаҳои методӣ ва усулҳои муосири таҳқиқи маркетингӣ ва таҷрибаи хориҷии ташкили маркетинг ва имконияти корбурди он дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта аст.

**Боби дуюми** диссертатсия таҳти унвони "Хусусиятҳои ташкили низоми маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон" вазъи низоми маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳлил ва арзёбӣ гашта, ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ барои рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ва хусусиятҳои ташкили маркетинги корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ нишон дода шудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия "Самтҳои рушди фаъолияти маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон" номгузорӣ шуда, равандҳои асоснокунӣ ва қабули қарорҳои маркетингӣ дар корхонаҳои саноатӣ такмил додашуда, таҳияи стратегия ва барномаҳо барои ташаккули муҳити созгори рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон баррасӣ ва пешниҳод шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии

нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)” ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи менеҷмент ва маркетиги
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Навруз Носири

735360, ш. Кӯлоб, кӯч, С.Сафаров 16,
E-mail: nosiri.1990 @mail.ru
Тел: +992 918 29 39 55

«03» 11 соли 2025

Имзои Навруз Носири–ро тасдиқ менамоям. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Телефон: (+992 33-22) 2-35-06, 2-35-09,
E-mail:info@kgu.tj

«03» 11 соли 2025